**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна таҳти унвони «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- забони тоҷикӣ**

Таҳқиқ ва омӯзиши номшиносӣ (ономастика) муддати зиёдест, ки диққати муҳаққиқон ва забоншиносонро ба худ ҷалб намуда истодааст. Ин соҳаи илми забоншиносӣ барои омӯзиши ҳамаҷонибаи он аҳамияти калон дорад, зеро монанди дигар масъалаҳои забоншиносӣ, дар марҳалаи ташаккул ва рушди номшиносӣ мусоидат менамояд. Дар илми номшиносӣ [ономастика]-и тоҷик дар баробари дастовардҳои муайян дар омӯзиши антропонимия баъзе масъалаҳои он мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд.

Илми мазкур гуногунсоҳаву бисёрҷанба буда, дар замони истиқлолияти миллӣ таҳқиқи исмҳои хос, бахусус номи одамон, номҳои ҷуғрофӣ ва умуман масъалаи номгузорӣ аҳамияти хосса касб кардааст. Анъанаи ном ниҳодан ба одамон таърихи хеле тӯлонӣ дорад, ки ҷанбаи таърихию этникӣ доштани он дар осори хаттии қадимаи мардуми ориёӣ – «Авасто» ва дигар сарчашмаҳо инъикос ёфтааст ва дар зери таъсири омилҳои гуногун ба тағйироту таҳаввулот дучор омада, ба шакли имрӯзааш то замони мо омада расидааст.

Дар заминаи маводи осори адабиёти илмӣ, таърихӣ ва бадеии классикӣ таҳқиқ намудани антропонимҳо барои барқарор намудани анъанаву суннатҳои номгузории ниёгон, аз як тараф мусоидат намояд, аз тарафи дигар, барои ба таври муқоиса омӯхтани хусусиятҳои луғавию маънои номҳои классикӣ ва тоҷикии муосир шароит муҳайё месозад ва дар ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ ҳисса мегузорад. Аз ин лиҳоз, дар ҳалли масъалаи мазкур таҳқиқи лингвистии «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон», ки ёдгории муътабари таърихӣ маҳсуб меёбад, ёрии амалӣ расонида метавонад.

Омӯзишу таҳқиқи номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ аз ҷанбаҳои умдатарини илми забоншиносӣ мебошад, зеро номҳои маҳал ё номҳои ҷуғрофӣ ва пайдоиши онҳо бо чандин воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ робитаи қавӣ дошта, ин унсурҳо боиси инкишофу густариши хазинаи (фонди луғавӣ) забони модариамон гардидаанд. Аз ин ҷост, ки омӯзишу таҳқиқи номҳои маҳал ва пайдоиши онҳо ба маврид аст. Бояд гуфт, ки номҳои ҷуғрофиро дар забоншиносӣ илми топонимика меомӯзад.

Усулҳои таҳқиқи топонимӣ ҳоло низ дар марҳилаи инкишофанд, ҳарчанд даҳсолаҳост, ки муҳаққиқон роҳу усулҳои алоҳидаро зимни таҳқиқу омӯзиши маводи топонимии муайян намудаанд, вале бояд махсус зикр кард, ки ҳангоми таҳлили топонимҳо, сараввал, ба маводи зиёди дастрасшуда такя кардан лозим аст, зеро аксар топонимҳои содаю сохта зиёд такрор мешаванд ва ё агар топонимҳо мураккаб бошанд,

чузъҳои таркибии онҳо такрор шуда омада метавонанд. Баъзан маъно, тарзи талаффуз, қолабҳои калимасозии топонимҳои зиёд бо ҳам мувофиқат мекунанд.

**Диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна таҳти унвони «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон» аз се боб иборат буда,** боби якуми диссертатсия «**Мавқеи ҷуғрофӣ ва маълумоти мухтасари таърихи минтақа**» номгузорӣ шудааст, ки он аз се фасл иборат мебошад.

Дар боби дуюм «**Баррасии вижагиҳои луғавии ҷойномҳои воҳа**», унвон дошта, аз 3 параграф иборат мебошад.

Боби сеюми рисола «**Баррасии вижагиҳои сохтории ҷойномҳои воҳа**», унвон дошта, аз 3 параграф иборат мебошад.

Дар хулоса, натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси маводи мушаххаси амалӣ оварда шудаанд, ки таҳлил ва гурӯҳбандии он ба муҳаққиқ имкон додааст, ки вазифаҳои гузоштаашударо ҳал намояд. Дар маҷмуъ, таҳқиқи забоншиносии «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- забони тоҷикӣ, ки аз ҷониби Турсунова Мунаввара Аъзамовна пешниҳод шудааст, пеш аз ҳама, барои ҳалли масъалаҳои омӯзиши фарҳангии номвожаҳои ҷуғрофӣ ва масъалаҳои умумии назариявӣ ва амалии ономастика ва дар маҷмуъ забоншиносӣ арзишманд аст.

Муҳаққиқ вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ 11 мақолаи илмии бачопрасида инъикос ёфтаанд, ки 7-тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки мавзуъ, масъалаҳо, мундариҷа ва натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқро инъикос мекунанд.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натаҷаи меҳнати чандсола ба мақсади худ расидааст. Тахлилу муҳокима ва натиҷагирии муаллифи диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат аст.

Новобаста аз арзиши баланди илмиву амалӣ дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст. Аз ҷумла:

1. Дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои техникиву имлоӣ ва баъзан услубӣ дар ҷумлаҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба сифати кор мебошад;
2. Дар дохили автореферат оид ба корҳои анҷомдодаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нишон дода шудааст, аммо дар поварақ кам ба назар мерасанд;
3. Мисолҳои овардашуда дар автореферати диссертатсия зиёд ба назар мерасад;

Ҷойи зикр аст, ки камбудиву нуқсонҳои мазкур характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд мебошанд ва қимати илмии автореферанро намекоҳонад.

Кори диссертатсионии Турсунова Мунаввара Аъзамовна ҳамчун таҳқиқи мустақилона гузаронидашуда арзёбӣ карда мешавад, ки хусусияти

хоси номвожаҳои ёдгории таърихӣ-ҷуғрофиро ошкор мекунад. Дар хулоса, натиҷагириҳо дар бораи ҳамаи хусусиятҳои асосии таҳқиқ ба таври мушаххас оварда шудаанд. Автореферати диссертатсия дуруст таҳия карда шуда, дар шакли мухтасар ва мундариҷаи он ба сохтори асосии диссертатсия мувофиқат мекунад, асоснокии мувофиқат, навгониҳои таҳқиқоти тақризшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, хулосаҳои асосии таҳқикро фаро мегирад. Мақолаю дастурҳои таълимӣ, ки дар маҷмуъ 11 то мебошанд, мазмун ва муҳтавои диссертатсияро бозгӯӣ мекунанд.

Он камбудӣ ва ғалатҳое, ки ин ҷо оварда шуд, мазмуну мундариҷа ва муҳтавои умумии диссертатсияро халалдор намекунад ва ҳамаи онҳо ислоҳшаванда мебошанд. Автореферати диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна таҳти унвони «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон» дуруст, пурра ва мукаммал буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз: н.и.ф., дотсенти кафедраи
таърихи забон ва типологияи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Саидов М.Б.

Имзои .и.ф., Саидов М.Б.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

“31” майи 2023